АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №4, 2014

ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №4, 2014

УДК: 37 с. + 01+1 РАҲИМӢ К.М.[1]

# НУКТАЕ ЧАНД БАР МАФҲУМИ ЗЕБОӢ ДАР ҲУНАР АЗ ДИДИ МУТАФАККИРОНИ ШАРҚ

Мафҳуми «зебоӣ» ба масобаи олитарин ва марказитарин мафҳуми зебоишиносӣ, мавзӯи пажӯҳиш дар мутолиаи зебоишиносӣ ба унвони як риштаи фалсафа аст. Аммо бо он яксон нест. Дар тӯли таърих, дин ва ҳунар, ба шеваи бисёр хубе бо якдигар дар ҳам танида шудаанд, ба шакле, ки ба сахтӣ метавонанд аз ҳам ҷудо шаванд. Шояд далели ин амр дар ҷозибаи муқобилӣ ба ин воқеият нуҳуфтааст, ки дин ва ҳунар бо решаҳои амиқ дар асли дини ислом ва ба шакли рӯҳи инсон ва ҷаҳон ҳузур доранд. «Қуръон» бошад ба унвони намод ва мӯъҷизаи рӯйдодҳои муҳим, суннатҳо, достон, бозтоби маҷмӯи аз ҳақоиқи мунҳасир ба фард ва шигифтангез аст. Суннатгароӣ, номи умумии равандҳои ҳунарӣ, мухолифат бо ормонҳои авангард аст ва дар ғолиби гароишҳои суннатӣ ба таври мустақим аз сабкҳои гузашта, монандӣ романтисизм ва классизм ҳамчунин мактабҳои ҷадид, ки дар ҳоли ҳозир «Амперсионизм, ҳунари нав» номида мешаванд идома ёфта ва дур аз тактикҳои модерн, инқилобӣ ва ҳунарӣ аст.
**Вожаҳои калидӣ**: мафҳуми зебоӣ, ормонӣ, тақоруни ҳунари ислом, ҳамоҳангӣ дар ҳунари исломӣ, суннатгароӣ, суннат, раванди суннатӣ, дин ва ҳунари ислом, мафҳуми зебоӣ дар ҳунар.

Суннатгароён аз навъи зебоие дар асарҳои ҳунарӣ ёд мекунанд, ки шаъни вуҷудӣ дорад ва бо вожаи «aesthetics» муштақ аз вожаи «aesthesis» юнонӣ ба маънои зебоишиносӣ ва ё эстетика аст. Эстетика ин таълимоти фалсафӣ оид ба шаклҳои зебоӣ дар ҳунар (санъат) мебошад. Зебоишиносии ҷадид аз қарни XVIII-ӯм ва ба воситаи баҳсҳои файласуфи олмонӣ - Баумгартен Александр Готлиб (Baumgarten) (1714-1762), падид омад, ки ҳавли меҳвари шинохти зебоии мустаъқил аз илоҳиёт ва улуми мобаъдутабиа метавонад бошад.

Яке аз мутафаккирони мусулмони асрҳои миёна Ибни Ҳейсан (965-1039) зебоишиносиро ба навъи ҷудо аз ҳавзаи илоҳиёт матраҳ карда ва онро дар шароити як ҳастишиносии комилан инсонӣ баррасӣ кардааст. Ба иборати дигар, шояд ӯро метавон нахустин зебоишиноси исломӣ донист, агар дар сурате, ки фаъолияти ӯро аз назари тафаккури исботии муосир таҳлил кунем [1].

Он чи дар ин баҳс дорои аҳамият аст, набудани чунин тафаккуре дар баҳс аз зебоӣ, дар пешинаи фарҳангӣ ва суннатии Эрон аст. Ҷустуҷӯ дар боби мафҳуми зебоӣ ончунон ки Баумгартен пиндоштааст, дар суннати фикрӣ ва таърихии мо умуман бенатиҷа хохад буд. Аммо бо рӯйкардҳои баҳсшуда аз тафаккуроти ирфонӣ метавон гуфтугӯи навъе аз зебоӣ ёфт, ки шаръ ва ҷойгоҳи он бо он чи ки Баумгартен ё соири мутафаккирони муосир дар назар доштаанд, мутафовит аст. Дар ин маврид чунин саволе ба вуҷуд меояд, ки оё метавон ба донише бо унвони зебоишиносии исломӣ қоил буд ё не?

Албатта, ба назар мерасад, ки пажӯҳиш дар бораи ҳунарҳои исломӣ амри бадеҳӣ ва аз заруратҳои дунёи имрӯзи мо аст. Ва ба ҳар ҳол манзаре, ки аз он чунин пажуҳишҳо сурат мегирад, вобаста ба рӯйкардҳоест, ки аз донишҳои тахассусишудаи низоми муосир ба вуҷуд омадааст.

[1] **Адрес для корреспонденции**: Рахими Кахмини М.Х. - аспиранти Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуки АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. Email : hassanrahimi.p@gmail.com Тел : (+992)938610760

Бояд қайд намуд, ки моро мебоист назаре ба ҳунари гузашта ва имрӯзамон кунем, ки чунин амре низ ба назар номумкин аст. Ба ҳар ҳол вақте ки дар асри XVIII истилоҳе ба маънои эстетика, яъне зебоишиносӣ ба миён омад ва он ҳамчун илми алоҳида гардид, он ба масеҳият ва ислом вобаста набуд. Чаро, ки асосан яке аз далелҳои ривоҷи чунин донише камранг шудани нуфузи дин дар зиндагии башарӣ аст. Аз ин рӯ, ҳамзамон бо густариши замон нав, яъне замони Эҳё ва ҷудо шудани улум, зебоӣ низ ба унвони амре инсонӣ ба таъриф ва таҳлили дигаргун ниёз пайдо кард.

Агар мо ба фарҳанг ва суннати исломӣ назар андозем, пас мебинем, ки ин масъала бо ҳошия ҳамроҳ будааст. Он чи дар пешинаи фарҳангии мо аз он ба унвони ҳунар ёд мекунанд, бо он чи имрӯз муодили вожаи «art» медонем мутафовит аст. Аз тарафи дигар бакоргирии усул ва мабонии назарии ҳунарҳои суннатӣ бо тафсири қолиби идеологӣ, ки аз он ироа мешавад, наметавон заминаҳои пайдоиши рушд ва шукуфоии ҳунари муосирро ба вуҷуд овард. Аз ин рӯ, вуҷуди чунин масъалае ба монанди баррасии таҳвили мафҳуми зебоӣ ва суннат зарурат меёбад.

Пеш аз ҳама мафҳуми зебоӣ бо суннати ирфонӣ алоқамандии зич дорад. Бинобар рӯйкардҳои ирфонӣ, зебоӣ айни хилъат ва таҷаллии Худованд буда, зебоӣ ҳастии махлуқи Худованд аст. Аз назари солики роҳи тариқат ва орифи мусулмон ҳеҷ чиз зеботар аз пайванд бо маъшуқ нест. Ҳеҷ чиз на баргҳо ва гиёҳои нашукуфтаи пас аз борон, на дурахшиши гулҳо пас аз гузори абрҳои боронӣ, на наҷвои баҳорон байни шохсорони пурра аз шукуфа, беҳтар аз ваҳдат бо маҳбуб нест [2]. Инҳо ҳама падидаҳоеанд, ки ирфони исломӣ ҳамчун зебоӣ ном мебарад. Агарчи тамоми ҳастӣ ҳузури Худованд аст, аммо пайванд бо маҳбуб аз тамоми зебоиҳо фаротар аст. Бинобар ин, зебоӣ аз чизе эътибор намегирад, то ки маъно ёбад, балки худ айни маъно, ҳақиқати мавҷуд ва финафси дорои эътибор аст. Бинобар ин, навоварӣ аз ин манзар эътиборе надорад, чаро, ки барои ҳунарманди суннатгаро, ҳунар тобеъи навъи ҳикмат ва маърифат буда, ҳамчун дигар суннати илоҳӣ собит мебошад [3]. Пас дар назари ориф ҳеҷ чиз наметавонад навоваронатар ва комилтар аз хилъати илоҳӣ бошад.

Пас аз манзари ирфони исломӣ сифатҳои Худованд низ айни зебоӣ аст. Чунончи мутафаккири аз дидгоҳи донишманди мусулмони асрҳои миёна - Ибни Ҳузн (994-1064 м.) мегӯяд: «Ҳеҷ чиз беҳтар аз ваҳдат бо маҳбуб нест. Замоне, ки сифот ва зоти ӯ хушнуд аз туст ва ту қадрдони бахшишҳои фитрии Ӯ мебошӣ, ба сифоти Ӯ ҳар кадом ҳамсон бо зебоӣ аст [2].

Дар ирфони исломӣ зебоӣ баробар бо зуҳури ҳақиқат аст ва ин зуҳур ҳамсони хилъат аст. Аз назари Кант бошад зебоӣ амри субъективӣ буда, ҳуввияти худро ба воситаи зеҳни сюжа меёбад. Ба муҷиби чунин ҳукми зебоӣ аз кайфияти эътиборӣ ва нисбӣ бархурдор мешавад, яъне ки ҷаҳон ба худи худ на зистааш на зебо, балки чунин сифоти фақат ба воситаи манзар ва зеҳни сюжа дорои аҳамият мешавад. Аммо бинобар ба ҳукми суннатгароён, зуҳури ҳақиқат ва идроки зебоӣ беиртибот бо нақши ҳунарманд дар ирфони исломӣ нест. Ҳунармандон дар олами ислом дарккунандаи ин ҳақиқати зебоианд ва нақши ҳунармандонаи ӯ ба маънои навъи фазилати ахлоқӣ ва ирфонӣ танҳо дар ин ҷо аҳамият меёбад. Нақши ӯ расидан ба мартабае аз ягонагӣ аст, ки битавонад пазирои нақши ҳақиқати асарӣ бошад.

Аз чунин манзар ҳунарманд бояд вуҷуди худро аз ҳар гуна нақш ва тасаввур пок кунад, ба иборати дигар аз худ холӣ шавад, то ба равзанаи пок барои ҷорӣ шудани ҷараёни ҳақиқат табдил шавад. Ҳунарманд аз манзари суннати ирфонӣ холиқ нест, балки танҳо як расона аст. Ин дар ҳоле аст, ки феълан « artist « будан пеш аз ҳар чиз ба ҳар сюжаи фоил ва бархурдор аз нобиғаҳо далолат дорад. Ҳунарманд дарк мекунад, аммо намеофарад, чаро ки ба гумони мутафакирони суннатгаро ҳеҷ гоҳ наметавонад фаротар аз он ҳақиқати ҳадафмандро дарк кунад.

Муносибати миёни ҳунар ва ҳунармандӣ бо беҳунарӣ дар суннати ирфонӣ аз ҳамин ҷо сарчашма мегирад, барои он ки ҳунарманд пеш аз ҳар чиз бояд аз ҳар гуна ҳунар ба унвони фан ва маҳорат ё тасаввури маҳдуд ба зеҳни модиаш холӣ гардад, то ки битавонад нақши ҳақиқии худ, яъне дарк ба интиқоли ҳақиқатро ба камол иҷро кунад. Мавлоно аз чунин амали беамалӣ ва ё ҳамон ҳунари беҳунарӣ бисёр ёд мекунад.

Ҳамин тариқ, дар давраи қадим ҳунар, ба ғайр аз давраи нав ҳамчун тавлидкунандаи халлоқияти зеҳни инсонӣ ба шумор намеомад, ҳунар илҳоми илоҳӣ буд ва ҳунарманд кошифи он, ҳунарманд кашфи ҳақиқате кард ва ҳиҷоб аз чеҳраи он бармедошт ва дар асар ҳунари онро ба намоиш мегузошт [3, 102].

Дар чунин ҳолат ҳунарманд ба унвони як нобиғаи халлоқ фоқиди маъно аст ва чунин рӯйкарде пеш аз он ки дар муколамаи ҳунарии имрӯз иртибот дошта бошад, бо ирфон ва фазилатҳои ахлоқӣ дар иртибот аст. Чунончи қайд кардем, ҳунарманд дар суннати ирфонӣ амонатдори усули муқаддас талаққӣ мешавад, ки ӯро ба адами дахолат дар он амонат фаро мехонад. Аммо чунин таъвиле аз мафҳуми зебоӣ ва ҳунар дар ирфон аз куҷо реша мегирад то ҳунар ва назарияи зебоиро дар бар гирад?

Мафҳуми зебоӣ дар ирфон ҳосили шуҳуди ирфонӣ аст. Чунонки дар меъмории исломӣ дар қарнҳои аввал масҷидҳои хеле оддӣ ва бидуни таҷамуллот сохта мешуд, ки ин як суннат буд. Агарчи мумкин аст бархе ба русум ва умури интиқолёфтаи суннатӣ чандон пойбанд набошанд, аммо бо ин ҳол суннат андеша ва иддае аст, ки арзишро баён мекунад. Мо баъзе аз одобро хуб мешуморем ва тартиботи онро матлуқ медонем, суннат ҳифз ва таъйиди ин довариҳост [3,30]. Аммо нуқтаи дорои муҳим ин аст, ки доварӣ дар хусуси арзишҳо ва тайиди онҳо чӣ гуна бояд бошад? Бинобар ба райи соҳибназарони суннатгаро чунин доварӣ танҳо бояд ба ҳазби наздики бештар ба ҳақиқати қутсӣ ва зоти иллоҳӣ сурат бигирад ва аз манзари онон аз он ҷое, ки хусусиёт ва мабонии фикр дар ҳунарҳои суннатӣ ба чунин ҳақиқати наздик аст ва асосан бояд насл ба насл ба сурати аслӣ гузарад. Аммо манзари дигаре вуҷуд дорад, ки суннатгароёни идеологӣ чандон сари созгорӣ бо он надоранд ва довари дар хусуси арзишҳо ва тайиди онҳо амри инсонӣ ва вобаста ба шароити иҷтимоӣ аст ва бинобар ҳамин шароит аст, ки амр интиқол сурат меёбад, чӣ дар ғайри ин сурат феъли интиқол сурат намепазирад.

Суннатгароён умуман чунин руйкардеро аз таҳаввулоти гуманистӣ медонанд, ки дар баҳс ва тафҳими суннат аз назари онон чандон дорои эътибор нест. Бинобар гуфтаи онон, суннат тазминкунадаи ҳақиқатҳоест, ки дорои як моҳияти фаровардӣ ҳастанд, ки дар зоти чунин ҳақиқат реша давонда аст. Суннат монанди дин ҳам ҳақиқат дорад ва ҳам ҳузур. Он аз манбае меояд, ки ҳар чизи аз он сарчашма мегирад ва ба он боз мегардад [3,58].

Бо истинод ба ин ақида, тафовутҳои миёни суннатҳои башарӣ он қадр нестанд, ки дар зоти онҳо тазод эҷод шавад. Бинобар ин тафовутҳо танҳо байёнгари наҳваи интиқол буда ва тадовуни амри суннатӣ низ вобаста ба ҳамин интиқол аст.

Дарки мафҳуми суннат дар назди сунатгароён танҳо замоне ба равшанӣ мегардад, ки дар баробар бо он чи таҷаддудгароӣ номида мешавад, баррасӣ гардад. Ба назар мерасад ин навъи суннатгароӣ пеш аз он ки заруратҳо ва усули воқеият гуфтумони суннати табиият кунад вокуниш ба таҷаддугароии низоми модерн аст. Сайидҳусайн Наср ба унвони яке аз соҳибназарони ҷараёнсоз дар арсаи суннатгароӣ дар таърифи суннат ду омилро муҳим медонад, яке ҳамон ҳақиқатҳое, ки реша дар низоми мутаолӣ доранд.

Пас аз он пайвастагии суннат аст, ки ҳамвора ниёзманди интиқол аз пайвастагӣ ба мабдаи илоҳӣ дар тӯли садсолаҳо дар чаҳорчӯби тамаддуни хос, ки сарчашма аз ҳамон ваҳй ё илҳоми аввалия аст. Ба ин тартиб, ки ба маънои мутадовили калима, суннат на танҳо ба маънои дин аст, балки дин дар дили он ҷой дорад [3,259]. Чунин суннат дарбардорандаи тамоми манзалати зиндагӣ аст ва

фақат ба бархе фарзияҳо ё умур ва маносики хос сояафкан, нест. Бинобар ин имрӯз ки суннат бо тамоми ҷанбаҳои он – як мисоли ҳунари суннатӣ, тибби суннатӣ, меъмории суннатӣ ва ғайра мебошад.

Муҳимтарин ҷараёни таҷадудхоҳӣ аз замони Ренесанс дар ҳунар шурӯъ шуда буд ва мушаххастарин намуди он корбаст ба пайкари инсон ва мутолеаи бахшҳои моддии он дар наққошӣ ва пайкартарошӣ буд. Бо ҷойгузинии ин усул буд, ки суннати ҳунари Ғарб бо тафсирҳо ва тағйироти гуногун мувоҷеҳ шуд, ки мабнои ҳаракатҳои ҳунарӣ дар чанд садсолаи баъдро мушаххас кард. Пас, сарчашма ва мабнои ҳунари ҷадид низ ҳамин таҷадудхоҳӣ шуд. Агарчи бинобар ақидаи суннатгароён ин таҷаддухоҳӣ ҷузъи сукути дигар барои инсон дар ҷаҳони моддӣ набуд. Дар охир агар ваҷҳи муҳимми таҷаддугароиро аз суннатгароӣ, навъе гуманизми мубтанӣ бар хирадбоварӣ бидонем, метавон тафаккури суннатиро мубтанӣ бар навъе ҳақиқат донист, ки инсон наметавонад ба воситаи вуҷуди худ онро тафсир кунад ва маънидод кунад, балки худ аз он маъно мегирад. Тамоми суннатҳо таҷалиёти заминии улгуҳои осмони ҳастанд, ки ба улгуи пойдори суннати азалӣ мутассил ҳастанд [4,16]. Ва инсон фақат унвонкунандаи пайёми осмонӣ аст, ки ин паём низ бояд тафсири мобаъдутабиӣ пазирад. Аз дигар тараф тақобули суннат бо таҷадудгароӣ, субот ва тағйирнопазирии мафҳуми суннат дар назди суннатгароён аст, ки ҳақиқати азалиро амре намедонанд, ки битавон онро ба ҳар гуна тафсиру таҳвил кард, балки суннат решаи азалӣ дорад ва ба унвони ҳақиқати мутлақ нигошта мешавад, ки ҳар гуна тағйир дар он ҷузъ танозули ҳақиқат нест.

**Адабиёт:**


1. Gonzalez Valerie (2001), Beauty and Islam, I.B Tauris Publishers, London. New York, in association with The Institute of Ismailia Studies. London, p 8.
2. Vilchez, Jose Miguel Puerta (1997), Historia Del Pensamiento Estetico Arabe, Al Andalus La Estetica Arab Clasica, Madrid,p 507.
3. Позюки Шаҳрон. Таъсири тафаккури Декарт дар зуҳури назариёти ҷадиди ҳунарӣ. Фаслномаи Хайёл, №1, Теҳрон. 1381.С .102.
4. Наср, Сайидҳусайн. Дар ҷустуҷӯи амри қудсӣ, тарҷумаи Мустафо. –Теҳрон: Нашри Най. 1387.С.16.



**РАХИМИ К.М.**


## ВОПРОСЫ ЭСТЕТИКИ ИСКУССТВА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ВОСТОЧНЫХ МЫСЛИТЕЛЕЙ: ВЗГЛЯД НА ПРОБЛЕМУ

Прекрасное - центральная эстетическая категория, предмет изучения эстетики как философской дисциплины. Понятие «прекрасное» связано с понятием «красота«однако не тождественно с ним. На протяжении истории религия и искусство, прекрасным образом переплелись друг с другом, вплоть до того, что их с трудом можно разлучить и представить каждое в отдельности. Пожалуй, причина такой взаимной привязанности кроется в том, что и религия и искусство пустили глубокие корни в душе человека и всего мира. Коран в качестве символа и главного чуда исламской религии, вобрав в себя важные события, предания и образные повести, представляет собой коллекцию божественных произведений, которая призывает человека к размышлению над уникальными и изумительными фактами. Традиционализм - обобщенное наименование художественных направлений, противостоящих радикальным устремлениям авангардизма. Традиционалистские тенденции непосредственно продолжают стили прошлого, такие как классицизм и романтизм, а также новые направления, уже ставшие классическими (импрессионизм, модерн), избегая резкой, художественной тактики.

**Ключевые слова:** понятие прекрасного, законы красоты, гармония, симметрии, искусство в Исламе, гармония в исламских искусствах, традиционализм, традиции традиционализма, традиционалистские тенденции, религия и искусство, исламская религия, понятие прекрасного в искусстве.

**RAHIMI K.M.**

## ANALYTICAL VIEW OF THE CONCEPT OF BEAUTY IN ART FROM THE POINT OF VIEW OF EASTERN SCHOLARS

Excellent - Central aesthetic category, subject in the study of aesthetics as a philosophical discipline. The concept of «beautya» is associated with the concept of «beauty», but not identical with it.

Throughout history, religion and art, a great way intertwined with each other, to the point that they can hardly be separated and submit each one separately. Perhaps, the reason for this mutual attraction lies in the fact that religion and art has deep roots in the soul of man and the world. The Quran as a symbol and the main miracle of the Islamic religion, which imbibed the important events, traditions and shaped the story, is a collection of divine works, which calls a man to reflect on the unique and amazing facts.

Traditionalism generic name of artistic trends, opposing radical avant-garde aspirations. Traditional tendencies directly continue the styles of the past, such as classicism and romanticism, as well as new directions that have already become a classic (impressionism, art Nouveau), avoiding sharp, revolutionary artistic tactics.

**Key words:** concept of beauty, the laws of beauty, harmony, symmetry, the art of Islam, the harmony in Islamic arts, traditionalism, traditions traditionalism, traditional trends, religion and art of Islam, the concept of beauty in art.